«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор____________Раҳмон Д.С.
«_27_» феврали соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илм.** Диссертатсияи номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти ҳарбӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мавриди назар ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ муқаррар шудаанд, комилан мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши истилоҳшиносии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти истилоҳ ва истилоҳофаринӣ ва масъалаҳои дигари забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Истилоҳоти ҳар як соҳа таърихи дуру дарозе дошта, дар раванди ташаккул ва такомули хеш ба таҳаввулоти мухталифе рӯ ба рӯ гардидааст. Ин ҷанба аз равобити фарҳангиву иқтисодӣ ва сиёсиву ҳарбӣ доштани мардуми фору тоҷик бо дигар халқҳо, аз ҷумла англисҳо, олмониҳо, фаронсавиҳо ва дигар кишварҳои ғарб сарчашма мегирад, ки он ба бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон бетаъсир намемонад.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши истилоҳшиносии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти истилоҳ ва истилоҳофаринӣ ва масъалаҳои дигари забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Омӯзиши вижагиҳои тафсири маънои истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кор карда баромадани шарҳу тавзеҳ ва тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои ба як низоми муайян даровардани истилоҳоти мавриди таҳқиқ дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал истилоҳоти ҳарбӣ ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва мавзуиву маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тасниф карда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ боз дар он зоҳир мегардад, ки роҳу воситаҳои мухталифи истилоҳсозии ҳарбӣ муайян гардида, истилоҳоти ҳарбии аслии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дақиқу равшан карда шудаанд.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқикро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Ин кори таҳқиқӣ аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажуҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқикро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ

ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва татбиқи кор тавсиф шудаасг.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳлил ва омӯзиши муқоисавии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ дар забонҳои гуногунсохтор» буда, аз ҳафт фасл иборат мебошад, ки фасли аввал масоили таҳқиқи назариявии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар мегирад.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия бо номи «Шарҳи мафҳуми истилоҳ ва истилоҳотшиносӣ дар сарчашмаҳои забоншиносӣ» ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Зербобҳои сеюм, чорум ва панҷум бошанд ба масъалаҳои омӯзиши назарияи истилоҳ ва истилоҳотшиносӣ дар илми забоншиносӣ таҳқиқот гардидааст.

Зимнан мебояд ёдовар шуд, ки дар ин зербобҳо муҳаққиқ назарияи истилоҳотшиносони даврони шуравиро муайян сохта, фикру андешаҳои онҳоро доир ба истилоҳоти ҳарбӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба миён гузоштааст.

Зербобҳои шашум ва ҳафтум доир ба таърихи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар ин зербобҳо масъалаҳои муҳими ташаккул ва такомули истилоҳоти ҳарбӣ аз аҳди қадим то замони истиқлол таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсияи диссертант «Шарҳу тафсири маъноии истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифт. Боби зерин, дар нуҳ зербобҳои ҷудогонаи масъалаҳои мубрами марбут ба шарҳу тафсири маъноии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фарогир шудааст.

Зербоби якуми боби дуюми рисола «Усулҳои асосии истилоҳсозӣ ва шарҳу тафсири истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти ҳарбиро дар ин зербоб таҳлилу баррасӣ намудааст.

Зербобҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми боби дуюм ба масъалаҳои сохти истилоҳот дар забонҳои гуногунсохтар барои ба таҳқиқоти илмӣ фарогир шуда, дар ин зербобҳо диссертант Муродова

П.Б. тавонистааст, ки истилоҳоти ҳарбиро ба гурӯҳҳои сода ва сохта тақсим намуда, дар онҳо пасвандҳои истилоҳсозии ҳарбии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври фаровон истифода намудааст.

Зербобҳои шашум ва ҳафтуми боби дуюм оид ба муайян сохтани истилоҳоти мураккаби ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ шудаанд. Дар зербобҳои шашум ва ҳафтум, муҳаққиқ истилоҳоти мураккабро аз рӯи сохти калимаҳои мураккаб бо усули мураккабшавӣ сохта мешаванд баррасӣ намуда, сохти вазифавиашонро дар ин зербобҳо муайян кардааст.

Зербобҳои ҳаштум ва нуҳуми боби дуюм  ба масоили сохти ибора ва иборасозии истилоҳотӣ ҳарбӣ бахшида шуда, дар ин зербобҳо таҳқиқотчи тавонистааст, ки ибора-истилоҳоти ҳарбиро бо ибораҳои исмӣ, феълӣ, пешвандӣ ва таркибҳои феълӣ мавриди назари таҳқиқот қарор додааст.

Боби сеюми рисолаи номзадии Муродова П.Б. таҳти унвони "Шарҳу тавзеҳи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номгузорӣ гардида, ин боб дорои 15 зербобҳо ба таврӣ систематикавии забонӣ тартиб ва мураттаб гардидааст.

Дар қисмати боби сеюми рисола таҳқиқ марбут ба тафсири тавзеҳоти этимологияи истилоҳоти ҳарбӣ дар забоншиносии муқоисавӣ ба роҳ монда шудааст.

Зербобҳои 3.1., 3.1.1, 3.1.2., 3.1.3., 3.1.4, 3.1.5., 3.1.6.,  3.1.7. ва 3.1.8. дар хусуси шарҳи этимологии истилоҳи ҳарбӣ  дар забони тоҷикӣ, ки бевосита аз калимаҳои аслии забони тоҷикӣ сарчашма мегиранд таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуда, диссертант Муродова П.Б. дар таҳқиқоти худ нишон додааст, ки бештари истилоҳот аз калимаҳои иқтибосии ҳарбӣ ташкил медиҳанд, таҳқиқоти илмӣ ба таври маводи фаровонии фарҳангномаҳои тафсирии ду забона баррасӣ намудааст.

Зербобҳои 3.2., 3.2.1., 3.2.2., 3.2.3., 3.2.4. ва 3.2.5. ба масъалаҳои шарҳу этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забони англисӣ нигаронида шуда, дар ин зербобҳо муҳаққиқ ҷанбаҳои этимологии истилоҳоти забони англисиро ба забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ ба воситаи фарҳангномаҳо тафсири таҳқиқоти илмӣ дар забоншиносии муқоисавӣ намудааст.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани онҳо дар тақвияти маҳорат

ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлоӣ-техникӣ ва аломатҳои китобати матни диссертатсия аз ин қарор мебошанд;

1. Сарчашмаҳои таҳқик ба тафсилоти бештар зарурат доранд;
2. Диссертант ҳангоми таҳлили мисолҳо паҳлуҳои гуногуни забониву лингвокултурологии вожаҳоро баъзан истисно намудааст;
3. Ҳаногими навиштани диссертатсия ва автореферат муаллифи он ба иштибоҳоти техникӣ ва имлоӣ роҳ додааст (с. 5, 8, 12, 17, 28, 72, 122 ).
4. Диссертант дар боби дуюм ба масъалаҳои тафсири маънои истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шарҳу тавзеҳоти сода, сохта, мураккаб, бо сохти иборавӣ таҳқиқоти ғании илмӣ анҷом дода, аз чи сабаб бошад, истилоҳоти ҳарбиро мансуб ба як решагӣ ва ихтисора таваҷҷуҳи кам мароқ зоҳир намудааст;
5. Дар баъзе ҷойҳои рисола мавқеи истифодабарии аломатҳои пунктуатсионӣ: «тире « ва «дефис» риоя карда нашудааст (саҳ. 25, 38, 37, 73, 76).

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни илмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» кори таҳқиқии комилу анҷомёфта маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия, мақолаҳои нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои асосии кори таҳқиқиро фаро гирифтаанд.

Диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Муродзода Баҳриддин Раҳмон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз “27” феврали соли 2025, протоколи №7/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедра иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №7/1 аз 27-уми феврали соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Муродзода Баҳриддин Раҳмон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил

«Имзоҳои н.и.ф., Ш.Ш. Гуламадшоев, Б.Р. Муродзода ва Ҷ.Ф. Давлатзода-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«27» феврали соли 2025

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.